«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
н.и.т., дотсент Амирзода Ориф Ҳамид
«12» декабри 2020 с

# ТАҚРИЗ

**муассисаи тақриздиҳанда – Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Гадоев Шералӣ Давлатович дар мавзӯи “Шароити геоэкологии мамнӯъгоҳи “Дашти Ҷум” ва арзёбии зарфияти он барои ташкили туризми экологӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география, аз рӯи ихтисоси 25.00.36–Геоэкология**

**Мухимияти мавзӯи тадкикот.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Ш.Д. Гадоев яке аз мушкилотҳои актуалии замони муосир маҳсуб меёбад. Пас аз оне, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар моҳи сентябри соли 2002 дар Саммити Умумиҷаҳонии Рушди Устувор дар Йоханнесбург ӯҳдадории худро ба рушди устувор эълон намуд, туризми экологӣ яке аз самтҳои афзалиятноки Созмони ҷаҳонии сайёҳии СММ мегардад. Дар бисёр кишварҳо, ба монанди: ИМА, Австралия, Кения ва ғайра, экотуризм махсусан дар қаламрави Ҳудудҳои махсусмуҳофизатшавандаи табиат (ҲММТ) ба монанди боғҳои миллӣ, манӯъгоҳҳо ва дигар минтақаҳои муҳофизатӣ рушд карда истодааст.

Дар Тоҷикистон ба ташаккули сиёсати давлатии рушди экотуризм танҳо дар солҳои охир таваҷҷӯҳ зоҳир карда шуд. Ҳукумати кишвар нақши муҳими экотуризмро дар таъмини маърифати экологӣ ва маърифатии аҳолӣ, инчунин дурнамои онро ҳамчун соҳае, ки қодир ба ворид намудани шумораи зиёди сайёҳон аст, дарк намуд. Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025 қайд шудааст, ки туризм бояд тавассути рушди маблағгузории иловагӣ барои барномаҳои ҳифз ва барқароркунии сарватҳои фарҳангӣ, мероси таърихӣ ва табиат ва татбиқи барномаҳои экологӣ саҳми назаррас дошта, дар рушди устувори иқтисоди минтақа саҳм гузорад. Бо дарназардошти унсурҳои стратегии рушди сайёҳии экологӣ дар сатҳи давлатӣ, зарур аст, ки аз нуқтаи назари дурнамои татбиқи чорабиниҳои экотуризм таҳияи усулҳои илмии асоснок

ба типологияи ҲММТ, махсусан манӯъгоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён оянд.

Вобаста аз гуфтаҳои боло, таҳияи чунин рисолаи илмӣ, коркарди механизми ташкил ва рушди экотуризм дар марзи мамнӯъгоҳи «Даштиҷум» хело саривақти ва мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

**Ҳадафи асосии рисолаи пешниҳодшуда, аз** таҳқиқи имкониятҳои рушди туризми экологӣ дар ҳудуди мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» - ро бо таҳлили шароити табиӣ-геоэкологии он, инчунин роҳҳои истифодаи зарфияти геоэкологии маҳал иборат мебошад.

Вобаста аз мақсадҳои гузошташуда дар рисолаи мазкур ҳалли якчанд вазифаҳо ба роҳ монда шудааст, аз он ҷумла:

1. Таҳқиқи шароити табиӣ-геоэкологии мамнуъгоҳи "Дашти Ҷум" бо назардошти мақоми ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда Ҷумҳурии Тоҷикистон (доштани он).
2. Таҳқиқи зарфияти табиӣ – экологӣ мамнуъгоҳи «Дашти Ҷум» бо арзёбии он ҳамчун замина барои рушди туризми экологӣ.
3. Таҳлил ва интихоби қитаҳои ҳудуди мамнуъгоҳи «Дашти Ҷум» барои ташкили туризми экологӣ шароити мусоид дорад.
4. Омӯзиши идоракунии туризми экологӣ дар ҳудуди мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» бо коркарди тавсияҳо оид ба ташаккули рушди он.
5. Таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди туризми экологӣ дар мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» бо назардошти шароити иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа.

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ дар раванди таҳқиқоти мавзӯи мазкур ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда ноил гашта, вобаста ба онҳо пешниҳодҳои мушаххас намудааст. Вобаста аз ин дар раванди омоданамоии диссертатсияи мазкур унвонҷӯ аз санадҳои меёрию ҳуқуқӣ ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ роҷе ба механизми ташкил ва рушди туризми экологӣ дар марзи ҲММТ, аз он ҷумла мамнӯъгоҳҳо васеъ истифода намудааст. Инчунин дар диссертатсияи пешниҳодшуда методҳои умумӣ, илмӣ, таҳлили сохторӣ, оморӣ ва математики истифода бурда шудааст, ки сатҳи баланди коркарди илмиро нишон медиҳад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар исботи илмии самтҳои асосии такмили механизми ташкил ва рушди устувори туризми экологӣ дар марзи мамнӯъгоҳи "Дашти Ҷум" таҷассум ёфтааст.

- Дар мисоли мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» бори аввал қоидаҳои консептуалӣ оид ба туризми экологии ҳудудҳои махсус ҳифзшавандаи табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири онҳо ба табиат ва умуман ба имконияти туристию рекреатсионӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ коркард ва ҷамъбаст карда шудаанд.
- Ба коршоямии ҳудуди мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» ба туризми экологӣ, ки ба имкониятҳои табиӣ-захиравӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, криминологӣ, идоракунӣ, инфрасохторӣ, инноватсионӣ, институтсионалӣ,

истеҳсолӣ, молиявӣ, истеъмолӣ ва нишондиҳандаҳои дастрасии нақлиёт ва таъминоти соҳаи хизматрасонӣ асос ёфтаанд баҳои интегралӣ дода шудааст.

- Таваккалҳои рушди туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Дашти Ҷум», хосиятҳои инвеститсионӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, ҷиноятӣ, қонунбарорӣ, идоракунӣ ва роҳҳои кам кардани онҳо баҳогузорӣ шудааст.
- Самаранокии фаъолияти мавҷудаи туризми экологӣ дар мамнуъгоҳи «Дашти Ҷум» ва роҳҳои баланд бардоштани он арзёбӣ гардидааст.
- Муносибатҳо нисбат ба идоракунӣ ва танзими туризми экологӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Дашти Ҷум» бори аввал коркард шудааст.
- Самтҳои афзалиятноки рушди стратегии туризми экологӣ аз нуқтаи назари тамоюлоти инноватсионӣ ва иҷтимоии рушди минтақавӣ муайян карда шудаанд.

Навгониҳои тадқиқот ва аҳамияти амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки пешниҳодоти коркардашудаи дар рафти таҳқиқот ташаккулёфта метавонанд, ки:

– ҳангоми коркарди барномаҳои рушди устувори туризм ва рекреатсия на танҳо дар ҳудуди мамнуъгоҳи «Дашти Ҷум», балки дар дигар ҳудудҳои махсус ҳифзшавандаи табиии ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам Осиёи Марказӣ чун асос хизмат намоянд;

– имкон диҳанд, то ки вазифаҳои асосноккунии экологии нақшаи ҷобаҷогузории объектҳои туризми экологӣ ва инчунин гузаронидани чораҳои ҳифзи табиат дар ҳудуди мамнуъгоҳ ва умуман дар минтақа ҳаллу фасл гарданд.

Сохт ва таркиби рисолаи диссертатсионӣ бо мақади асосӣ мувофиқ буда бе восита аз вазифаҳои муайяншуда бармеояд ва мантиқи ҷараёни тадқиқотро инъикос мекунад.

Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб ва хулосаҳо оид ба онҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт, 150 номгӯйи адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 160 саҳифаи матни компютерӣ буда, 14 расм, 14 ҷадвал ва 3 замимаро дар бар мегирад.

Дар сарсухан муаллиф ҷиҳатҳои актуали будани мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқотро асоснок гардонида дараҷаи коркард ва навоварии онро нишон додааст (саҳ.3-15).

**Дар боби якум** «Муҳити геоэкологӣ ва зарфияти он ҷиҳати ташкили туризми экологӣ» сохтори ташкилии туризми экологӣ, намудҳо ва мақоми асосии он дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

**Дар боби дуюм** «Тавсифи табиӣ геоэкологиии мамнуъгоҳи "Дашти Ҷум" зарфияти он барои ташкили туризми экологӣ» тавсифоти сарватҳои табиӣ ва геоэкологии мамнуъгоҳ, имконияти фарҳангӣ-таърихии минтақаи таҳқиқшаванда муайян карда шуда, ба дараҷаи коршоямии ҳудуди

мамнуъгоҳ барои рушди туризми экологӣ бо номбар кардани хатарҳои пайдошаванда баҳои комплексӣ дода шудааст.

**Дар боби сеюм** «Туризми экологӣ омили рушди устувори минтақа» Туризми экологӣ ва такмили фаъолияти он дар мамнуъгоҳи "Дашти Ҷум" арзёбии фаъолияти туризми экологӣ дар мамнӯъгоҳ ва усулҳои баланд бардоштани самаранокии он шарҳ дода шуда, роҳҳои такмили механизми идоракунии он ва инчунин самтҳои афзалиятноки туризми экологӣ тибқи нақшаи ба қисмҳо ҷудо кардани ҳудуди мамнуъгоҳ ва гуногунии нисбатан муносиби он барои шароити мамнӯъгоҳ пешниҳод карда мешавад.

Дар хулосаҳо оид ба ҳар як боб ва хулосаи ҷамбастӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот исбот карда шудааст, ки мавзеи мамнӯъгоҳи "Дашти Ҷум" барои рушди туризми экологӣ ниҳоят мусоид буда самаранок ба роҳ мондани ин намуди фаъолият на танҳо ба ҳифзи ва тарақки додани сарватҳои табиии мамнӯъгоҳ мусоидат мекунад, балки барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти аҳолии маҳаллӣ ва минтақа такони калон хоҳад дод.

Дар хулоса дастовардҳои илмӣ-амалии таҳияшуда, пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оварда шудаанд.

Аз гуфтаҳои дар боло овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки натиҷаҳои илмии бадастовардашудаи унвонҷӯ дорои аҳамияти амалӣ ва назариявӣ мебошанд.

. Шиносой бо автореферати муаллифии рисола бори дигар собит месозад, ки муаллифи он дар таҳияи ғояҳои илмӣ дар бораи ташкили фазоии сайёҳии экологӣ дар марзи манӯъгоҳ саҳми муҳим дорад. Автореферат пурра ба мазмун ва мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ мувофиқ буда муқаррарот ва натиҷаҳои таҳқиқоти мустақили рисолавиро инъикос мекунад. Мақолаҳои илмии муаллиф (8) вобаста ба мавзӯи диссертатсионии мазкур чоп шудаанд.

Новобаста аз дастовардҳо, диссертатсияи мазкур аз камбуди ва хаттогиҳо холи нест. Ба назари мо диссертатсия дорои камбудиҳои зерин мебошад.

1. Дар банди муҳимияти мавзӯи таҳкиқотӣ (саҳ 3-15) иқтибосҳо аз барномаҳои давлатӣ, суханронии Сарвари давлат ва самтҳои тараққиёти Ҳукумати Тоҷикистон ва стратегияи муҳими мавҷуда роҷе ба мавзӯи диссертатсионӣ оварда нашудааст.
2. Бисёр хуб мешуд, ки дар баробари туризми экологӣ дигар намуди туризм низ надқиқ карда мешуд.
3. Маълумотҳои дар рисолаи пешниҳодшуда оиди намудҳои камшумор, реликти ва дар арафаи нестшави карордодашударо нопурра ҳисоб мекунам, зеро қиммати асосии ҲММТ ва махсусан манӯъгоҳо ин ҳифзи чунини намуди набототу ҳайвонот буда қисмати зиёди сайёҳон маҳз бо сабаби шиносои бо онҳо ба ҳудуди мамнӯъгоҳҳо саёҳат мекунад.

4. Қиммати асосии мамнӯъгоҳи «Дашти Ҷум» ин ҳайвони Пармашох (Мορхор), мебошад, мутаасифона маълумот оиди паҳнашавӣ, хусусиятҳои биологӣ низ ниҳоят маҳдуданд.

5. Дар рисолаи диссертатсиони пешгӯиҳо оид ба ҳолати минбаъдаи рушди туризм дар марзи манӯъгоҳи "Дашти Ҷум" муфассал пешгӯи нашудааст, ҳоло он ки масъалаи мазкур дар стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 пешбинӣ шудааст.

6. Муаллифро зарур аст, ки банди "Адабиёт"-ро ба талаботи мавҷуда мутобиқ гардонад.

7. Дар диссертатсия хаттогиҳи граматикӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ шаъну эътибори рисоларо паст намекунанд.

Дар маҷмӯъ камбудиҳои ҷойдошта наметавонад, ки қиммати диссертатсияро коҳиш диҳанд. Аз ин рӯ диссертатсияи Гадоев Шералӣ Давлатович дар мавзӯи «Шароити геоэкологии мамнуъгоҳи «Дашти Ҷум» ва арзёбии зарфияти он барои ташкили туризми экологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география, дар сатҳи зарурии илми иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ" мувофиқ буда муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои география, аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология мебошад.

Раискунандаи ҷаласа,
доктори илмҳои техникӣ,
профессор, узви вобастаи АМИТ — Кобулӣ З.В. (Кобулиев З.В.)

Ташхисгар, номзади илмҳои география — Аброров Ҳ.

Котиби ҷаласа, номзади имлҳои техникӣ — Аҳмадов А.Ш.

*Имзоҳои д.и.т., проф. Кобулӣ З.В., н.и.геогр., Аброров Ҳ., ва н.и.т. Аҳмадов А.Ш. – ро* ***тасдиқ мекунам.***

*Нозири калони шӯъбаи кадрҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон* — *Имомова Ш.Қ.*

*Суроғаи муассиса:734042, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 14А, тел: 2222364, 2222321 E-mail: info@imoge.tj*